**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**
**ба Самадов Миршод Самадович**

<u>**протоколи №17 аз 17.02.2024**</u>

Диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 20 ноябри соли 2023, протоколи №36 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (воқеъ дар суроғаи 735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков,1,) ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №124 аз 08 апрели соли 2022).

Мавзуи кори диссертатсионии Самадов Миршод Самадович дар маҷлиси Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тасдиқ шудааст. (Протоколи № 08 аз 27. 09. 2018с).

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2023, протоколи № 02 муҳокима шуда ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Шербоев Саидбой** – узви вобастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

**Муқарризони расмӣ**:

**Сафаров Шодӣ Асомуродович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, собиқ ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

**Намозов Тошкул** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”

**Муассисаи пешбар**: МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара”

МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара” дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, и в. дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Данғара Ғафурова Д.Ҷ. таҳия шудааст ва аз тарафи ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара” доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Ш. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Самадов Миршод Самадович дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд.

Дар диссертатсия вазъи воқеӣ ва роҳу усули ташкилӣ-педагогии ташаккули омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» равшан гардида, сохти модулии мундариҷаи тайёрии касбӣ, низоми рейтингии арзёбии дониш, малака ва маҳорат, ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим, ҳамгироии мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ, худбаҳодиҳии донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва варзишӣ, ташвиқи ӯ ба кори бошуурона ва мақсаднок, густариши фаъолияти таълимӣ-ҷустуҷӯии донишҷӯён, ҳавасмандгардонии донишҷӯён ҳини мустақилона интихоб кардани гунаҳои (вариант) ташаккули касбӣ ва, ниҳоят, тавассути низоми назорати рейтингӣ мунтазам тафтиш намудани сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён муайян ва мушаххас гардонида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии ташаккули касбии омӯзгорони фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”-ро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар робита бо силсиламасъалаҳои мундариҷа, сохтори фаъолияти таълимӣ ва касбии омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ коркард кардааст. Дар рисола қайд мегардад, ки табиат ва моҳияти омодагии омӯзгориояндаро ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» метавон ҳамчун раванди татбиқи ғояҳои касбӣ ва шахсии педагогӣ, таркиб (синтез)-и қобилиятҳо барои фаъолияти мақсадноки касбӣ эътироф намуд. Зеро омодагии касбӣ муаррифгари сатҳи баланди рушди мутахассис маҳсуб меёбад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Самадов Миршод Самадович аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавассути озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии донишҷӯ-омӯзгори ояндаи фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ҳамчун дастур, роҳнамо хидмат хоҳад кард.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишкадаи омӯзгории шаҳри Панҷакент, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи муассисаи мазкур муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2017-2023 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (Душанбе, Хуҷанд, Панҷакент), семинарҳои омӯзишӣ оид ба омодагардии муаллимони оянда фанни тарбияи ҷисмонӣ баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Рисолаи илмии Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Инчунин ба автореферати диссертатсия аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ тақризҳо ворид гардиданд:

Тақризи аввал аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад;

Тақризи дуюм аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор Негматов Садуллоҷон Эргашевич дода шудааст. Тақриз мусбӣ буда, вале муқарриз чунин эрод дорад:

1. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ мебоист васеъ шарҳу эзоҳ меёфтанд.
2. Дар матни автореферат баъзе хатоҳои имловӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд (саҳ. 6, 9, 14, 17, 22 ва ғ.).

Тақризи сеюм аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ (Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф) Собиров Сафарбек Фаттоҳович пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи чорум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов Давлатов Дилшод Разоқович пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ арзёбӣ шудааст, муқарриз эрод надорад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" аз 11 декабри соли 2023, протоколи №38 интихоб шуданд.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1. Зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" муайян карда шуд.
2. Ташаккулдиҳандаҳои асосӣ, меъёрҳо ва зинаҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" муайян карда шуд
3. Амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" омода карда шуд.
4. Самаранокии амсилаи мураттабшуда ва барнома (технология) - и коркардшуда бобати ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" зимни озмоишҳои педагогӣ асоснок карда шуданд.
5. Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати самаранок омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" пешниҳод карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди педагогикаи муосир дар самти таҳсилоти касбӣ дар алоқамандӣ бо омодагии касбии мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардидааст

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии донишҷӯ - омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" ҳамчун дастур, роҳнамо хоҳанд шуд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногуни бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб,** пеш аз ҳама, дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" коркард гардида, татбиқи он дар амалияи фаъолияти таълимии донишҷӯён баррасӣ гардидааст.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 10 нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ ________10______
муқобили додани дараҷаи илмӣ ________нест______
бюллетенҳои беэътибор ________нест_____

## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба Самадов Миршод Самадович**

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 17 феврали соли 2024 зимни баррасии маърӯзаи Самадов Миршод Самадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), хулосаи роҳбари илмӣ - узви вобастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода - Шербоев Саидбой; хулосаи ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2023, протоколи № 02; хулосаи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара”, муқарризони расмӣ, ҳамчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Самадов Миршод Самадович доир ба эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои ба табъ расида, Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

### ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро (“тарафдор”- 10 нафар, “зид”- нест, “бюллетенҳои бекоршуда”- нест), диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), ба талаботи Низомномаи «Дар бораи тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй ҳисобида шавад ва ба Самадов Миршод Самадович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

2. Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” дар мувофиқа бо талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ»-и Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, қабул карда шавад.

3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва ба **Самадов Миршод Самадович** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА 046 - и назди МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева М.А.

17.02.2024 с.